# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Сайдаҳмадзода Раҷабалӣ Сайдаҳмад дар мавзуи “Таъсири калсий, стронсий ва барий ба хосиятҳои физикавӣ-механикӣ ва химиявии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъии дюралюминӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 2.5. Технологияи химиявӣ (масолеҳҳо ва металлургия) (2.5.16. Маводшиносӣ дар саноати металлургия).**

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ ва зарурати гузуронидани тадқиқот. Солҳои охир талабот ба маводи металлӣ ва маснуоти аз онҳо истеҳсолшаванда ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ин ҳолат ба рушди босуръати соҳаҳои саноат вобаста буда, металлҳо барои истеҳсоли унсурҳои сохторӣ, корпусҳо ва ҷузъҳои гуногуни техникӣ васеъ истифода мешаванд. Имрӯз илова ба хосиятҳои асосии хӯлаҳои металлӣ, инчунин устуворӣ ба шароити номусоиди муҳити зист, тағйирёбии ҳарорат, сабуквазнӣ ва арзон будани онҳо талаб карда мешавад. Дар амал бисёр ҷузъҳои металлӣ дар шароити сарбории зиёди механикӣ, ҳарорати баланд ва таъсири муҳитҳои кимиёвии фаъол сохта мешаванд. Чунин шароит ба устуворӣ ва мухлати хизмати онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Алюминий ва хӯлаҳои он аз рӯи ҳаҷми истифода пас аз пӯлод дар ҷойи дуюм қарор доранд. Гуногунҷиҳата будани истифодаи онҳо бо маҷмӯи хосиятҳои арзишманди химиявӣ, физикӣ ва механикӣ, инчунин бо мавҷудияти захираҳои зиёди табиии алюминий дар қабати замин вобаста аст. Бо вуҷуди ин, дар шароити рушди синтези хӯлаҳои нав ва татбиқи онҳо дар техника ва технология, инчунин васеъ гардидани соҳаҳои истифода, бахусус дар муҳитҳои фаъол, масъалаи тадқиқи муқовимати зангзании алюминий ва хӯлаҳои он аҳамияти бештар пайдо мекунад ва омӯзиши амиқро талаб менамояд.

Хулаи алюминийи AlCu4,5Mg1 навъи дюралюминий дар соҳаҳои авиатсия, автомобилсозӣ, киштисозӣ ва сохтмон бо сабаби сабукии баланд ва устувории баланд ба таври васеъ истифода мешаванд. Хӯлаи мазкурро инчунин барои сохтани ашёи рӯзгор, фолга, асбобҳои пармакунӣ ва саноати кимиё васеъ истифода мешаванд. Камбудии ин хӯлаи алюминий эҳтимолияти осеби зангзанӣ он мебошад, ки мӯҳлати истифодаи маҳсулоти аз он сохташударо коҳиш медиҳад. Барои кам кардани эҳтимолияти осеби зангзанӣ ва беҳтар кардани дигар хусусиятҳои механикии ин хӯла дар

рисола ҷавҳаронидани хӯла бо металҳои зудгудохташаванда аз қабили калсий, стонсий ва барий баррасӣ карда мешавад.

Набудани маълумот дар адабиет дар бораи хосиятҳои физикию химиявӣ, механикӣ ва зангзании хӯлаи алюминий AlCu4,5Mg1 навъи дюралюминӣ, ки бо калсий, стронсий ва барий ҷавҳаронида шудааст таваҷҷӯҳи моро ба омӯзиши хосиятҳои гармӣ, термодинамикӣ, кинетикӣ ва коррозионӣ-электрохимиявии ин хӯла ва таҳияи хӯлаҳои нав барои истеҳсоли дар соҳаҳои авиатсия, автомобилсозӣ ва дигар соҳаҳои саноат водор кард.

Сайдаҳмадзода Раҷабалӣ Сайдаҳмад соли 2009 ба факултети Технология ва ташкили ҳаракати автомобилии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дохил шуда, онро соли 2014 бо ихтисоси ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти автомобили ва шаҳрӣ хатм намудааст. Ӯ баъд аз хатми Донишгоҳ тибқи роҳхат фаъолияти кориашро дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҳамчун омӯзгор дар кафедраи ташкили ҳаракати автомобилӣ ва сохтмон шурӯъ намуд. Айни ҳол дар кафедраи нақлиёти автомобилӣ ба ҳайси омӯзгор фаъолият намуда истодааст.

Ӯ дар давоми фаъолияти дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав худро ҳамчун шахси кордону масъулиятнок муаррифӣ карда, қобилияти фаъолияти илмӣ, таҳия ва татбиқи корҳои илмӣ-татқиқотӣ, баланд бардоштани сатҳи илмию педагогӣ нишон дод.

Сайдаҳмадзода Раҷабалӣ Сайдаҳмад дониши кофии назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ дорад. Дониши андӯхташуда ба ӯ имкон дод, ки рисолаи номзадиашро вобаста ба омӯзиши хосиятҳои физикавӣ-механикӣ ва химиявии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминий бо калсий, стронсий ва барий ҷавҳаронидашуда анҷом диҳад ва таркибҳои оптималии хӯлаҳои навро таҳия намояд.

Кори диссертатсионии Сайдаҳмадзода Р.С. аз муқадима, 5 боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳангоми иҷрои рисолаи номзадӣ Сайдаҳмадзода Р.С. маҳорати таҳлил ва муҳокимаи натиҷаҳои таҷрибавиро нишон дод, ки аз рӯи натиҷаҳо 7 мақола дар маҷалаҳои тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин соҳиби 2 нахуст патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1528 TJ, аз 13.03.2024 «Хӯла дар асосӣ алюминий» , №1365 TJ, аз 08.011.2022 «Хӯла дар асосӣ алюминий» , гардидааст ва 5 мақола дар маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба чоп расонидаст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида. Объект ва

мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум «Хосиятҳои физикавӣ - химиявии хӯлаҳои алюминийи навъи дюралюминӣ»

Дар боби дуюм «Мавод ва усулҳои таҳқиқи хосиятҳои физикавию химиявии хӯлаҳо»

Дар боби сеюм «Таҳқиқи хосиятҳои механикӣ, гармофизикӣ ва гармодинамикии хӯлаи алюминийи AlCu4,5Mg1 навъи дюралюминӣ бо калсий, стронсий ва барий»

Дар боби чорум «Таҳқиқи таъсири иловаҳои калсий, стронсий ва барий ба кинетикаи оксидшавии хӯлаи алюминийи AlCu4,5Mg1 навъи дюралюминӣ, дар ҳолати сахтӣ»

Дар боби панҷум «Таҳқиқи потенсиостатикии хӯлаи алюминийи AlCu4,5Mg1 навъи дюралюминӣ бо калсий, стронсий ва барий ҷавҳаронидашуда»

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Сайдаҳмадзода Раҷабалӣ Сайдаҳмад (Шоназаров Раҷабали Саидаҳмадович) дар мавзӯи: «Таъсири калсий, стронсий ва барий ба хосиятҳои физикавӣ-механикӣ ва химиявии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминий» ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комисияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 2.5. Технологияи химиявӣ (масолеҳҳо ва металлургия) (2.5.16. Маводшиносӣ дар саноати металлургия) барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои химия, профессор, академики
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
мудири озмоишгоҳи «Маводҳои ба коррозия

устувор» - и Институти химияи ба номи
В.И. Никитини АМИ Тоҷикистон Ғаниев И. Н.

Институти химияи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734063, ш Душанбе, хиёбони Айни, 299/2.
E-mail:ganievizatullo48@gmail.com
тел.: +992 935728899

Имзои д.и.х., профессор, академики

АМИТ, Ғаниев И.Н.-ро тасдиқ менамоям:

Сарнозири шуъбаи кадрҳои МДИ «Институти
химияи ба номи В.И. Никитини АМИТ» Раҳимова Ф. А.